«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессор
____________ Қурбонзода М. Р.
«__07__» январи соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи номзадии Буриева Шаҳноза Бекмуратовна таҳти унвони «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи номзадии Буриева Шаҳноза Бекмуратовна таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» бахшида шудааст. Муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) пурра мувофиқат менамояд.

Ҳунарҳои мардумӣ бахше аз мероси моддии соҳибзабонон ба ҳисоб рафта, дар даврахои гуногуни таърихӣ ташаккул ёфтаанд. Бахше аз ҳунарҳои мардумӣ, ки дар гузашта истифода мешуданд ва имрӯз низ роиҷ буда, мардум аз онҳо ба таври васеъ истифода мебаранд.

Этнолингвистика як бахши илми забоншиносӣ буда, бо соҳаҳои шевашиносӣ, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, лаҳҷашиносӣ, фолклор ва дигар самтҳои илмҳои гуманитарӣ низ рабт дорад ва дар муайян намудани мафҳумҳои гуногуни марбут ба ҷомеаи этникӣ, қавму миллатҳо, гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳии шахс саҳм дорад.

Мусаллам аст, ки ин соҳаи забоншиносӣ дар ибтидои асри XX чун як шохаи мустақили илми забоншиносӣ эътироф гардида, мавриди таҳқиқу пажуҳиши забоншиносон қарор гирифтааст. Ҳамин аст, забоншиносоне, амсоли В. фон Гумболдт, Ф. И. Буслаев, А. А. Потебня, Б. Уорф ва Э. Сепир роҷеъ ба ин қисмати забоншиносӣ асару мақолаҳои зиёди илмӣ таълиф намудаанд, ки метавон онҳоро яке аз муҳаққиқони шинохтаи ин риштаи забоншиносӣ арзёбӣ намуд.

Таҳқиқоти илмии этнолингвистӣ муносибати забон ва фарҳанги миллии ҳар миллатро инъикос намуда, барои рушди ин бахш нақши арзанда мебозад. Дар забоншиносии имрӯза ба масъалаи таҳқиқи таркиб, сохт ва мавзуи фарҳангномаҳо таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир шуда, масъалаҳои гуногуни он дар натиҷаи омӯзиши забон, вижагиҳои этникӣ ва фарҳангӣ муайян мегардад.

Ҷустуҷӯйи пайвастаи донишҳо ва шинохти ҷаҳонӣ далели устуворона қадам ниҳодан ҷиҳати ибрози андеша ва инъикоси афкори ҷомеа доир ба ҷаҳони иҳотакарда мебошад. Ҳифз намудани амсилаҳои ҷаҳонбинӣ, илмӣ, равонӣ ва фарҳанги маънавии куҳан аз забони инсон вобаста мебошад, ки он дар доираи самти алоҳидаи забоншиносӣ – этнолингвистика баррасӣ мешаванд. Барои таҳқиқоти этнолингвистика маводи муҳим – ин маводи забони қавму миллатҳо чи дар шакли шифоҳӣ ва чи хаттӣ маҳсуб меёбад.

Фарҳангномаҳо махзани тафсирдиҳандаи калимаҳо, ки калимаву истилоҳот аз давраҳои гузашта маҳфуз нигоҳ дошта мешаванд ва ба даврони имрӯза интиқол ёфтаанд, ҳамчун таҳқиқоти исботшуда дар илми забоншиносӣ истифода мешаванд.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ**, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дар доираи таҳқиқоти илмӣ ба масъалаи омӯзиши этнолингвистии калимаҳои ифодагари соҳаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи «Бурҳони қотеъ») камтар мавриди таҳқиқу баррасии вижаи илмӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, зарурати омӯзишу баррасии истилоҳоти ҳунарҳои мардумӣ, аз зумраи бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагиро муҳаққиқ мавриди таҳқиқи мукаммали илмӣ қарор додааст, ки аз навоварии мавзуи мавриди назарро инъикос менамояд.

Муҳаққиқ бо ба даст овардани натиҷа, таҳлилу баррасии масъалаи мазкур бар асоси таҳлили этнолингвистии калимаҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» тавонистааст, таҳқиқоти наву тозаеро рӯйи кор оварад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки калимаҳои ифодакунандаи ҳунарҳои мардумӣ, махсусан, вожагони ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар асоси фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» бори нахуст аз назари этнолингвистӣ ба қисматҳо ҷудо гардида, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар баробари ин, бори аввал тавассути таҳлили этнолингвистии моддаҳои луғавӣ муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёту рӯзгори ниёгон ва урфу одату фарҳанги онҳо муқаррар карда шудааст. Ҳамчунин, муқоисаи

калимаҳои ифодагари марбут ба ҳунарҳои мардумӣ дар муқоиса бо забони адабии муосири тоҷикӣ ва мавриди корбурд қарор гирифтани онҳо ба роҳ монда шудааст. Аз ин хотир, омӯзишу баррасии ҷанбаҳои этнолингвистии калимаҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ бар асоси фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» **навгонии илмии таҳқиқот** ба ҳисоб рафта, аз саҳми арзишманди диссертант дар ин риштаи таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.

Масъалаҳое, ки дар **нуктаҳои асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда**, ки дар тавсифи умумии вижагиҳои этнолингвистии калимаҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ дарҷ гардидаанд, ҷолиби диққат буда, дар диссертатсия вобаста ба таснифот баррасӣ шудаанд.

Муҳаққиқ дар кори диссертатсионии худ **аз усулҳои** таҳлили тасвирӣ-синхронӣ ва этнолингвистӣ истифода намуда, ҳамчунин, барои возеҳ намудани ҷанбаҳои этнолингвистӣ ҷиҳати муайян кардани хусусиятҳои маъноӣ ва манбаҳои ташаккули лексикаи ҳунарҳои мардумӣ аз методҳои шарҳу тафсир дар муқоиса бо дигар фарҳангномаҳо низ истифода намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** аз он иборат аст, ки ҳаҷми маводи таҳқиқ, эътимоднокии манбаъҳои таҳқиқу маълумоти пешниҳодгардида аз диди забоншиносони ватанию хориҷӣ таҳлилу баррасӣ ва корбурд шудаанд. Хулосаи кори диссертатсионӣ дар 16 банд, истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои диссертант бошад, дар 6 банд матраҳ гардидаанд, ки ба кори диссертатсионии унвонҷӯ мувофиқу созгоранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишондоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо** аз нигоҳи мо, дар он аст, ки хусусиятҳои этнолингвистии калимаҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ», ки мавриди назар қарор гирифтааast, метавонад дар корҳои таҳқиқотии минбаъдаи соҳаҳои забоншиносии қавмӣ ва лексикологӣ мусоидат намояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро барои тайёр намудани мавод ва дастурҳои омӯзиши масъалаҳои амалӣ ва назариявии марбут ба илми забоншиносӣ метавонад истифода шавад.

Диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Буриева Шаҳноза Бекмуратовна кори анҷомёфтаи илмӣ буда, муҳаққиқ дар баробари омӯзиши мухтасароти этнолингвистӣ, инчунин, вижагиҳои истилоҳоти этнофарҳангии ҳунарҳои мардумиро низ таҳқиқ намуда, умумияту фарқияти ин гурӯҳи луғавии калимаҳоро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Илова бар ин, бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти рӯйикоромада таҳқиқи лексикаи ҳунарҳои мардумиро аз назари этнолингвистӣ фаро гирифта, дар забоншиносии муосири тоҷик метавонад ҳамчун таҳқиқоти наву тоза барои таҳқиқу омӯзиши

этнолингвистикаи тоҷик истифода шуда, ҳамчун маводи назариявӣ дар таълифи китобу дастурҳои таълимӣ ва фарҳангномаҳои тафсирӣ мусоидат намояд.

**Аҳаммияти дигари илмии диссертатсия** аз он иборат аст, ки хулосаҳои илмии таҳқиқи ҷанбаҳои этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар забони тоҷикӣ имкон медиҳад, ки ба воситаи омӯзишу таҳқиқи онҳо китобу дастурҳои марбут ба илми забоншиносӣ таълиф намуда, зимни гузаронидани курсҳо ва семинарҳои махсус доир ба забоншиносии қавмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода намуд.

**Бахшҳои асосии диссертатсия.** Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, фаслу зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Дар муқаддимаи** кори таҳқиқотии худ диссертант вобаста ба талабот ба ҳамаи қисматҳои диссертатсия, яъне мубрамии диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, маҳалли таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявии таҳқиқот, аҳаммияти амалии таҳқиқот, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумоти асосиро фаро гирифта, ки ба талаботи имрӯзаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пурра мувофиқат мекунад.

Боби **якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии ҷанбаҳои этнолингвистии фарҳангномаҳои тоҷикӣ (форсӣ)»** ном дошта, аз ду фасл ва ду зерфасл таркиб ёфта, дар он масоили мубрами марбут ба асосҳои назариявию илмии этнолингвистӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли якуми ҳамин боб «Этнолингвистика дар тафсири забоншиносон» унвон дошта, диссертант гуфтаҳои назариётчиёни соҳаро ба таври васеъ оварда, онҳоро аз нигоҳи илмӣ мавриди нақду баррасӣ қарор додааст.

Ба қавли муҳаққиқ «Этнолингвистика – ҳамчун як соҳаи илми забоншиносӣ буда, алоқа ва муносибати байни забон ва хусусиятҳои этникиро меомӯзад. Ин соҳаи забоншиносӣ дар ибтидои асри XX дар Амрико ба вуҷуд омада, донишмандони маъруфи амрикоӣ Ф. Боас, Б. Уорф ва Э. Сепир аз саромадони ин соҳа маҳсуб мeёбанд, ки барои рушду инкишофи этнолингвистика саҳми худро гузоштаанд» (Диссертатсия, саҳ. 15).

Дар баробари ин, муҳаққиқ аз гуфтаҳои забоншиносони ватанию бурунмарзӣ, ки ба ин қисмати илми забоншиносӣ баҳои судманд додаанд, иқтибосоти зиёд овардааст.

Ҳамин аст, ки диссертант гуфтаи забоншиноси маъруфи рус Н.И. Толстойро дар ин хусус чунин овардааст: «Этнолингвистика воҳидҳои ҷаҳонбинӣ, равонӣ ва фарҳангии қадимии ҳифзшударо дар худ нигоҳ медорад, дар ҳоле ки он аз шакли хаттии шаҳодатдиҳандаи фарҳанги инсоният маҳрум будааст» (Диссертатсия, саҳ. 15-16).

Аз гуфтаи ин забоншиноси шинохта бармеояд, ки этнолингвистика танҳо бахше аз забоншиносӣ набуда, он равоншиносии мардумӣ ва дигар илмҳоро дар шакли фарох меомӯзад.

Фасли дуюми ин бахши диссертатсия «Фарҳангномаҳо ҳамчун сарчашмаи асосии таҳқиқоти этнолингвистика» ном гирифта, диссертант дар ин қисмати кори таҳқиқотии худ доир ба фарҳангномаҳо ва мавқеи онҳо ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти этнолингвистӣ маълумот дода, чун сарчашма аз онҳо истифода бурдааст.

Маълум аст, ки дар фарҳангномаҳо ҷанбаҳои этнолингвистӣ ҳангоми ифодаи моддаҳои луғавӣ дар чорчӯбаи муайяншуда тавсиф карда шудааст. Ин аст, ки донишмандони маъруфи аврупоӣ ва рус В. фон Гумболдт, Г. Э. Сепир, Б. Уорф, Ф. И. Буслаев, А. А. Минаев, А. А. Потебня, В. А. Звингенцев, В. М. Алпатов, Н. И. Толстой, С. М. Толстая, В. Н. Топоров, Л. Н. Виноградова, А. В. Гур, Б. Серебренников, А. Ф. Журавлев, Вяч. Вс. Иванов, М. М. Копиленко, А. С. Герд ва монанди инҳо аз шахсиятҳои шинохтаи ин соҳа маҳсуб ёфта, дар ин самт хизматҳои зиёдеро ба анҷом расонида, таълифи луғатномаҳои фарҳангӣ ё этнолингвистиро ҳамчун навгонӣ дар илми забоншиносӣ маҳсуб медонанд ва ба муваффақиятҳои зиёде низ ноил гардиданд.

Ба андешаи диссертант дар илми забоншиносӣ фарҳангномаҳои гуногун, ки ба асрҳои XX-XXI рост меояд, ҳамчун махзани маълумот хизмат менамояд. Таҳқиқҳои илмии этнолингвистӣ муносибати забон ва фарҳанги миллии ҳар миллатро инъикос намуда, барои рушди ин самт нақши муҳим мебозад. Дар забоншиносии муосир ба масъалаи таҳқиқи таркиб, сохт ва мавзуи фарҳангномаҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир шуда, ҷанбаҳои гуногуни он дар натиҷаи омӯзиши забон, хусусиятҳои этникӣ ва фарҳангӣ муайян мегардад.

Зерфасли якуми фасли дуюми диссертатсия «Маълумот доир ба фарҳангномаҳои дорои хусусиятҳои этнолингвистии тоҷику форс» ном гирифтааст. Дар ин бахши диссертатсия унвонҷӯ аз фарҳангномаҳои классикии тоҷику форс ёдовар шудааст. Маълум аст, ки фарҳангу қомусҳо дар таърихи забоншиносии тоҷик нақши муҳим дошта, онҳо

инъикоскунандаи расму анъанаҳои миллии миллати тоҷик ба шумор меравper. Ин аст, ки дар ин бахши диссертатсия ин масъала ба риштаи таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиёти луғавӣ-семантикии истилоҳоти этнолингвистии марбут ба ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ ва дӯзандагӣ дар «Бурҳони қотеъ»** номгузорӣ шуда, он аз се фасл ва зерфаслҳо таркиб ёфтааст.

Дар ин бахши диссертатсия калимаву истилоҳоти ифодагари бофандагию ресандагӣ, ки муҳаққиқ онҳоро аз рӯйи моҳият ва мансубияташон ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ калимаҳои *бофанда, ришта, матоъ, дебо, ҳамгар, руфӯгар, порадӯз, пинадӯз, нах, абрешим, ресмон* ва монанди инҳоро, ки аз калимаву истилоҳоти сермаҳсули соҳаи ресандагию бофандагӣ ба ҳисоб меравand, дар асоси шарҳу тавзеҳи «Бурҳони қотеъ» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Масалан, вожаи **нах** тори борике аст, ки аз абрешим ё ресмон тайёр мешавад, дар диссертатсия дар заминаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ва «Бурҳони қотеъ» чунин шарҳу тавзеҳ гардидааст: «нах – 1. тори нозуки норесида, ресмон, ришта. 2. қолин, гилем; хусусан, қолину гилеми нозуку нақшини абрешимӣ аст» (Диссертатсия, саҳ. 62).

Яке аз калимаҳои дигари сермаҳсули соҳаи бофандагӣ калимаи **пилла**, ба ҳисоб меравад, ки дар диссертатсия чунин шарҳу тафсир ёфтааст: «**Пилла** масолеҳи асосии абрешим мебошад, ки аз он торҳои абрешим ҳосил мешавад» ва дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» пилла дар шакли зерин шарҳу тавзеҳ ёфтааст: «пела – асли абрешим ва ғӯзаи абрешим, ки кирм танида бошад ва кирми абрешимро низ мегӯянд» (Диссертатсия, саҳ. 67).

Дар маҷмуъ, дар ин бахши диссертатсия калимаву истилоҳоти ифодагари бофандагию ресандагӣ ва дӯзандагӣ мавриди таҳқиқу баррасии вижаи илмӣ қарор гирифтаанд, ки аз қобилияту маҳорати эҷодии диссертант дар ин ҷода шаҳодат медиҳад.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили этнолингвистии луғот ва истилоҳоти ҳунари пазандагӣ дар «Бурҳони қотеъ»»** ном дошта, ин бахши диссертатсия аз як фасл ва зерфаслҳо таркиб ёфтааст.

Дар ин фасли диссертатсия вожаву истилоҳоти марбут ба ҳунари пазандагӣ, аз қабили хӯрокпазӣ, нонпазӣ, тарзи тайёр намудани намудҳои гуногуни ҳалво, омода намудани хӯриш ва монанди инҳо дар асоси фарҳанги «Бурҳони қотеъ» мавриди таҳқиқу пажуҳиши диссертант қарор гирифтаанд.

Ба қавли муҳаққиқ вожагони пазандагӣ таърихи хеле қадима дошта, бо ҳаёти маданӣ ва маишии халқ зич алоқаманд аст. Муаллиф дар рисолаи

мазкур оид ба вожагони соҳаи пазандагӣ, номгӯйи намудҳои таом ва амалҳои пазандагӣ маълумоти пурра додааст. Мавсуф дар боби аввали рисола «Категорияҳои вожагони пазандагӣ» аз таърихи рушди вожагони касбу кор, самтҳои пазандагӣ ва навъҳои он, ки инъикоскунандаи ҳаёти таърихию этнографии мардум ба ҳисоб меравад, хеле муфассал иттилоъ медиҳад.

Масалан, дар таомпазӣ вожаи **«бӯйафзор»** ҳаммаънои вожаи **«бӯзор»** аст, ки муаллиф онро чунин шарҳ додааст: «**бӯйафзор** – адвияи гарме, ки дар таом резанд, монанди филфил, дорчинӣ ва амсоли он». Аммо, мутаассифона, вожаҳои «**бӯйафзор**» ва «**бӯзор**» дар фарҳангҳои тафсирии муосири забони тоҷикӣ оварда нашудаанд. Вожаҳои «бӯйафзор»-ро имрӯз низ метавон дар ҷойи истилоҳи сохтаи «хӯриш» истифода кард, зеро вожаи «хӯриш» нисбат ба бӯйафзор мафҳумро ба пуррагӣ ифодагар набуда, эҳёву корбурди вожаи «бӯйафзор» чун адвияи гарм дар забони муосир ба мавридаст (Диссертатсия, саҳ. 140).

Фаслҳои баъдии ин бахши диссертатсия масоиле, амсоли **номи соҳаҳои пазандагӣ ва навъи амали ҳунармандони соҳа, вожагони марбут ба масолеҳи хоми соҳаи пазандагӣ: ғалла ва навъҳои он, орд ё гарди орд ва мавқеи истифодаи хамир, хӯришҳо, нонреза, гиёҳҳое, ки ба хӯрок илова мешаванд, вожагони марбут ба абзори соҳаи пазандагӣ, маводи тайёри соҳаи пазандагӣ** бо зерфаслҳояш мавриди таҳқиқу баррасии диссертант қарор гирифтаанд.

Дар ниҳояти ин бахши диссертатсия унвонҷӯ ба маҳсулоте, ки барои тайёр намудани намудҳои гуногуни хӯрок ё дигар намуди пухтупаз зарур мебошанд, таваҷҷуҳ кардааст, ки роҷеъ ба ин масъала низ калимаву таркиботи зиёдеро, амсоли орд, об, намак, равған, пиёз, сабзӣ, гӯшт, карам, лаблабу, нахуд, лӯбиё, мош, биринҷ ва ғайраро бо овардани мисолҳои зиёде аз дар заминаи фарҳанги «Бурҳони қотеъ», ки шарҳу тавзеҳи худро ёфтаанд, таҳлилу баррасӣ ва бо фарҳангҳои муосир муқоиса намудааст.

Дар умум, аз таҳқиқи ин бахши диссертатсия низ бармеояд, ки диссертант аз уҳдаи мақсаду ҳадафҳои дарпешгузоштааш муваффақона баромадааст.

Дар хулоса натиҷагириҳои кор дар 16 банд ҷамъбаст шудаанд, ки фарогири куллии диссертатсия мебошанд.

**Рӯйхати адабиёти илмӣ**, сарчашмаҳо ва манбаъҳои дигари таҳқиқи мавриди назар тибқи талаботи таълифи диссертатсия таҳия гардидаанд.

Боиси арзёбист аст, ки дар илми забоншиносии тоҷик омӯзиши ҷанбаҳои этнолингвистӣ дар заминаи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» навгонӣ буда, масъалаҳои дарпешгузошташуда аз тарафи диссертант пурра таҳқиқ ва асосҳои этнолингвистии омӯзиши лексикаи ҳунарҳои мардумӣ инъикос гардидааст ва диссертатсияи мавриди таҳқиқ қарордодашуда аз

зумраи чунин кори илмӣ махсуб ёфта, дар оянда умед аст, ки муҳаққиқ дар соҳаи илм ба муваффақиятҳои аз ин ҳам назаррас ноил мешавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 10 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, дарҷ ёфтааст. Миқдори маводи нашрнамудаи диссертант ба талаботи банди 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои назариявии рисоларо инъикос намуда, ба тамоми талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Муҳаққиқ мавзуъро ба таври дақиқ таҳлилу таҳқиқ намуда, маводи фаровони илмиро баррасӣ карда, пажуҳиши онро ба таври назариявию амалӣ муваффақона анҷом додаст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашркардаи муаллиф низ мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Бояд зикр кард, ки дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар кори таҳқиқотӣ баъзе норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Ба фикри мо диссертант дар боби аввали кор муфассалтар роҷеъ ба таҳқиқҳои фарҳангнигорони тоҷик маълумот медод ва ба таърихи луғатнависии форсу тоҷик бештар таваҷҷуҳ менамуд, ба фоидаи кор буд.

2. Дар баъзе аз бобҳои диссертатсия, хосса бобҳои дуюму сеюм мувозинат риоя нашудааст, яъне боби дуюми рисола нисбат ба боби сеюми он васеътар омадааст, ки ин ба зиёд шудани ҳаҷми диссертатсия боис гаштааст.

3. Дар диссертатсия баъзе аз вожаву таркибҳо аз ҷиҳати баромад, ки марбут ба соҳаҳои мавриди назаранд, иҷмолан таҳлил гардидаанд (Диссертатсия, саҳ. 51-65).

4. Дар кор баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ва китобат ба назар мерасанд (Диссертатсия, саҳ. 9, 11, 12, 19, 21, 23, 25, 29.... ).

Ҳамин тавр, таҳлилу баррасии диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна таҳти унвони «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» ба мо имкон дод ба хулосае биоем, ки диссертатсия ба талаботи

“Низомномаи Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи №7 аз 07.01.2025 тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
номзади илмҳои филологӣ Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

**ЭКСПЕРТ**:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Саидов Ҷаббор Зубайдович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович

Имзоҳои М.Н.Назаров, Ҷ.З.Саидов ва М.Б. Раҳмоновро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исозода Тоҷиддин Исо

**Нишонӣ:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3322) 2-45-20, 2-22-53.
E-mail: btsu78@mail.ru.
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj.

**«__07__» __январи__ соли 2025**